# ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ДОНИШКАДАИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА БОЗОМӮЗИИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ

БАРНОМАИ
ТАЪЛИМӢ ОИД БА ФАННИ КОРГУЗОРӢ ВА ҲУҶҶАТНИГОРӢ ДАР РАЁСАТУ ШУЪБАҲОИ МАОРИФ, МУААСИСАҲОИ ТОМАКТАБӢ ВА МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Душанбе -2023**

Бо қарори шурои олимони Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф аз 30.11.2023, №11/13 тасдиқ шудааст.

**Мураттиб:** Шердилова Сурайё – н.и. филологӣ, дотсенти кафедраи иқтисод ва идора дар соҳаи маорифи МДДҶТИБКСМ.

**Муқарриз:** Ҳакимова Б.Р. - Ходими калони Раёсати ташхис ва тақризи адабиётҳои таълимии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии АТТ

**Муҳаррир:** Холназаров Имомназар - омӯзгори калони
кафедраи иқтисод ва идора дар соҳаи маорифи МДДҶТИБКСМ

Барномаи таълимии мазкур роҷеъ ба ҳуҷҷатнигорӣ ва коргузорӣ дар муассисаҳои таълимӣ таҳия шудааст. Дар барнома оид ба аҳамияти ҳуҷҷат дар коргузорӣ, мураттаб сохтан, ба қайд гирифтан, гурӯҳбандию баҳисобгирӣ, нигоҳдорӣ ва ба тартибдарории ҳуҷҷатҳо, таҳия, шакл, намуд, қоидаҳои баррасии санадҳои меъёрӣ, дастурӣ, мукотибот, қоидаҳои бақайдгирӣ, назорати иҷрои ҳуҷҷатҳо, амру фармонҳо ва тартиби ба бойгониҳо супоридани ҳуҷҷатҳо, доир намудани машғулиятҳои амалӣ оварда шудааст.

Барнома барои шунавандагони курсҳои такмили ихтисос тавсия карда меша

# ПЕШГУФТОР

Имрӯз кишвари мо дар марҳилаи нави ислоҳот қарор дошта, мутобиқи талаботи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар тамоми соҳаҳо дигаргуниҳои густурда амалӣ гашта истодаанд, ки тибқи он ҳадафи олии он рушди дарозмуҳлати Тоҷикистон, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар бар пояи таъмини рушди устувори иқтисодӣ маҳсуб меёбад. Албатта, ноил гардидан ба ин ҳадафҳо ва дар қатори кишварҳои пешрафтаи муосири ҷаҳон мавқеи арзанда пайдо кардани мамлакати мо, пеш аз ҳама ба рушди илму маориф ва дар ин замина тарбия намудани мутахассисони сатҳи ҷаҳонӣ, вобаста мебошад, чунки агар мо ба сифати омода намудани кадрҳои ояндасоз таваҷҷуҳ зоҳир накунем, сатҳи касбии онҳоро баланд набардорем ва онҳоро бо маълумоти мукаммали замонавӣ мусаллаҳ насозем, рушди устувориояндаи кишварро таъмин каода наметавонем.

Барномаи таълимии мазкур намунавӣ буда, оид ба коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигории соҳа дар курсҳои такмили ихтисос омода шудааст.

Асос ва натиҷаи фаъолияту кори ҳама гуна корхона ё ташкилоту муассисаро ҳуҷҷат муайян мекунад. Ҳуҷҷатнигорӣ, ки бо он коргузорӣ бо ҳуҷҷату аснодҳои мухталиф тааллуқ дорад, дар замони мо нисбатан падидаи нав буда, баъди мақоми давлатӣ гирифтани забони тоҷикӣ зарурати таъсиси курсҳои кӯтоҳмуддати ҳуҷҷатнигорӣ ва коргузорӣ ба миён омад.

Ҷаҳони имрӯза замони воқеаҳои бағоят муҳим - ахбору иттилоот, давраи муносибатҳои ниҳоят васеъ ва

мураккаби байни мамлакатҳо, идораву муассиса ва ташкилотҳои гуногун мебошад. Ҳама гуна муносибат, додугирифт ва робитаҳои аъзои ҷомеа тавассути ҳуҷҷатҳои гуногун сурат мегирад. Идора, корхона ва ё ташкилоту муассисае нест, ки бо ҳуҷҷату ҳуҷҷатгузорӣ сару кор надошта бошад. Омӯзиши ин фан ба омӯзгорон имконият медиҳад, ки аз тамоми ҳуҷҷатҳо, тартиби омодасозӣ, навишт ва шаклҳои он бохабар гардида, дар фаъолияти минбаъдаи худ аз он истифода намоянд.

Мақсади асосии барнома баланд намудан ва сайқал додани маҳорати коргузарӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо роҳи шинос намудани онҳо бо дастовардҳои нави илмӣ-педагогӣ дар ин соҳа, роҳу усулҳои нави таълим, методикаи умумӣ ва хусусии таълимӣ бо истифодаи усулҳои нави инноватсионии таълим мебошад.

Бо сабаби васеъ истифода шудани воситаҳои нави иттилоотӣ шунавандагон дар ҷараёни курс маҳорати истифодаи ин воситаҳоро низ пайдо мекунанд. Барномаи мазкур тарзе таҳия шудааст, ки он асосан ба методҳои интерактивӣ такя намуда, усулҳои таълимии гуногунро пешниҳод менамояд. Донистани усулҳои гуногун барои коргузорӣ, таҳлил ва муқоисаи онҳо бо ҳамдигар ба омӯзгорон имконият медиҳад, ки дар раванди кори худ метавонад ин ё он усулро интихоб намуда, дониш ва малакаи худро дар ташкили ҳуҷҷатнигорӣ баланд бардоранд ва мукаммал созанд.

**Шакли машғулиятҳо**: лексионӣ-амалӣ, амалӣ, семинар ва мубоҳисаҳо.

Барнома аз сохтор, сарсухан, мавзуъ ва мундариҷа, луғати истилоҳот ва адабиёти истифодашудаю тавсияшаванда иборат аст.

Инчунин, дар барнома нақша ҷой дода шудааст, ки раванди таълимро дар курс муайян карда, фаъолияти таълимии онро мувофиқи мақсад ба роҳ мемонад.

Нақша-барнома аз чор қисм иборат аст:

1. **Мақсади таълим** - мақсадҳои мушаххаси таълимиеро, ки барои ҳосил шудани салоҳияти муайян равона шудаанд, дар бар мегирад;

2. **Мавзуъ ва мундариҷаи таълим** – дар ин фасл мавзуъҳо ва мундариҷае, ки тавассути азхуд кардани онҳо омӯзгор ба мақсади таълим ноил гашта, ба ин восита салоҳияти муайянро ҳосил мекунад, ҷой дода шудаанд;

3. **Фаъолияти таълим** - аз фаъолиятҳои таълимии тавсияшаванда, ки тавассути он мавзуъ ва мундариҷа азхуд карда шуда, таҳлилу баррасӣ меёбанд иборат аст. Фаъолиятҳо вобаста ба шароит ва мавод тағйир дода мешаванд.

4. **Вақт** - вақти эҳтимолие, ки барои ноил гаштан ба мақсад мусоидат мекунад, пешниҳод гардидааст.

**Нақшаи**
**тақвимии коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигории соҳа барои курсҳои такмили ихтисос**

| № | Қисматҳои барнома | Миқдори соат | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | Назария | Амалия |
| **1.** | **Коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигории соҳа.** | **2** | **2** | **-** |
| 1.1. | Моҳияти коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ, гурӯҳбандии аснод ва ахбори дорои аҳамияти ҳуҷҷатӣ. Ҳуҷҷатҳо, асноди меъёрӣ ва дастурӣ | 1 | 1 | - |
| 1.2. | Заруроҳои (реквизит) таркибии ҳуҷҷатҳо аз рӯи стандарти ягонаи коргузорӣ ва мавридҳои истифодаи онҳо дар ҳуҷҷатҳои расмӣ. Сабт ва ҷои заруроҳо дар ҳуҷҷат. Ҳуҷҷатҳои марбут ба ҳайати шахсии кормандони педагогӣ (кадрҳо) | 1 | 1 | - |
| | **Ҳамагӣ** | **2** | | |

**Мавзуи 1.1. (1 соат). Моҳияти коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ, гурӯҳбандии аснод ва ахбори дорои аҳамияти ҳуҷҷатӣ. Ҳуҷҷатҳо, асноди меъёрӣ ва дастурӣ**

**Мафҳуми коргузорӣ ва вазифаҳои он.** Коргузорӣ тамоми фаъолиятҳои алоқаманд аз қабили мураттаб сохтан ба қайд гирифтан, гурӯҳбандию баҳисобгирӣ ва нигаҳдории ҳуҷҷатҳоро дар бар мегирад.

Қоидаҳои умумии коргузорӣ, Мафҳуми ҳуҷҷат ва ҳуҷҷатнигорӣ. Ҳадаф, мақсад ва вазифаҳои он дар

коргузории муассисаҳо. Вазифаи ҳуҷҷат. Ҳуҷҷат ва аҳамияти он дар коргузорӣ.

Қонуну қоидаҳо, талабот ва меъёрҳои тартиб додани ҳуҷҷат.

Риояи қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳияи ҳуҷҷатҳо. Тартиб додани ҳуҷҷат (мактуб) ва матни он.

*Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ.*

Муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқӣ ва дипломатӣ ба воситаи ҳуҷҷат.

Ҳуҷҷат инъикоскунанда ва танзимдиҳандаи кору фаъолияти идораҳо, муассисаҳо ва корхонаю ташкилотҳо.

Гурӯҳбандии аснод ва ахбори дорои аҳамияти ҳуҷҷатӣ.

Хаттӣ, Сабти нақшавӣ, Сабти киносурат, Сабти овозӣ –

Аз рӯи шакл.

Намунавӣ;

Хусусӣ;

Қолабӣ .

Аз рӯи муҳлати иҷро дар фаъолияти муассисаҳо.

Тъҷилӣ

Ғайри таъҷилӣ

**Аз рӯи таносуби расмӣ ё идораю муассиса ба роҳ мондани кори ҳуҷҷатнигорӣ. Расмӣ ё идорӣ. Шахсӣ.**

**Аз рӯи баромад**:

**Аслӣ ё дастнавис;**

**Рӯйнавишт. Иқтибосӣ.**

**Аз рӯи назарияи таҳия. Дохилӣ. Берунӣ. Аз рӯи мазмун. Одӣ. Мураккаб.**

**Аз рӯи мӯҳлати нигаҳдошт:**

**Доимӣ**.

**Муввақатӣ.**

**Аз рӯи намуди фаъолият:**

1. Ҳуҷҷатҳои ташкилдиҳию фармоишӣ.
2. Ҳуҷҷатҳои ҳисобию оморӣ.
3. Ҳуҷҷатҳои ҳайати шахсӣ.
4. Ҳуҷҷатҳои маълумотию иттилоотӣ.

## Мавзуи 1.2. (1 соат). Заруриҳои (реквизит) таркибии ҳуҷҷатҳо аз рӯи стандарти ягонаи коргузорӣ ва мавридҳои истифодаи онҳо дар ҳуҷҷатҳои расмӣ. Сабт ва ҷои зарураҳо дар ҳуҷҷат

**Зарураҳои ҳуҷҷат (реквизит)**

**Мувофиқи Гости 6.38-90** таркиби максималии зарураҳои коргузорӣ муайян карда мешаванд:

**1.** Нишони давлатӣ;
**2.** Аломат;
**3.** Тасвири мукофот;
**4.** Рамз (код);
**5.** Номи вазорату муассиса;
**6.** Номи корхона, идора ва ташкилот;
**7.** Номи бахшҳои таркибии корхонаву муассиса;
**8.** Суроғаи корхона, ташкилот;
**9.** Номи ҳуҷҷат;
**10.** Сана;
**11.** Рақамнишони ҷои таҳияи ҳуҷҷат;
**12.** Ишора ба рақамнишони ҷои таҳияи ҳуҷҷат ва санаи ворид шудани он

№ 03-21/145 аз 23.11.2011

- **03-** рақамнишони бахши таркибӣ
- **21-** рақами парванда

- **145-** рақами тартибии ҳуҷҷат
- **23.11.2011-** санаи вуруд

13. **Ҷойи таҳияи ҳуҷчат;**
14. **Тасдиқ**.
15. **Амри хаттӣ**

Тартиби ҳуҷҷатноккунӣ ҳангоми ба кор қабул намудан.
Тартиби ҳуҷҷатноккунӣ ҳангоми аз кор рафтани коргар

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

**[1].** Асосҳои коргузорӣ. - Душанбе, 2002. - 196 с.

**[2].** Ёрзод Ҳ. Дастури санаднигорӣ - Душанбе, 2004. - 122 с.

**[3].** Искандаров Ҳ., Қаландаров А. Модули коргузорӣ дар мақомоти идории соҳаи маориф ва муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. - Душанбе, 2004. - 46 с.

**[4].** Искандаров Ҳ., Қаландаров А. Коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ. - Душанбе, 2007. - 188 с.

**[5].** Искандаров Ҳ., Қаландаров А. Коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ дар мақомоти идорӣ ва худидорӣ, муассисаҳои таълимӣ ва дигар сохторҳои соҳаи маориф. - Душанбе, 2002. - 150 с.

**[6].** Назарзода С. Фарҳанги мухтасари истилоҳоти коргузорӣ. -Душанбе, 1993- 120 с.

**[7].** Набиев Б., Искандаров Ҳ. Тартиби қабули фармон ва корбурди дафтарчаи меҳнатӣ дар муассисаҳои таълимӣ-тарбиявии соҳаи маориф. - Душанбе, 2003. - 20 с.

**[8].** Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2008 №585 «Дастурамали намунавии коргузорӣ дар вазорату кумитаҳои давлатӣ ва дигар мақомоти идоракунии давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлат, муассисаҳо, ташкилотҳо ва корхонаҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон».

**[9].** Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 майи соли 2003 № 222 «Дар бораи тадбирҳои ташкили истеҳсоли ҳуҷҷатҳо ва варақаҳои баҳисобгириву ҳисоботи қатъӣ».

**[10].** Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 майи соли 2000 №203 «Дарбораи мӯҳлатҳои ниҳоии дар бойгониҳои идоравӣ нигоҳ доштани ҳуҷҷатҳо ва ба нигоҳдории давлатӣ супоридани онҳо».